Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №31 (2858) | ПАНҶШАНБЕ, 15 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Ҷамъомади ғайринавбатии Ҳукумат

**13 марти соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷамъомади ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он аъзои Ҳукумат, роҳбарони идораҳои назди Ҳукумат ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.**

Дар ҷамъомади ғайринавбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба бартараф намудани оқибатҳои зимистони тӯлонии сарду сербориш, вазъи номусоиди обу ҳавои кунунӣ, боришоти зиёди барфи рӯзҳои охир, аз хавфи тармаю обхезӣ эмин нигоҳ доштани мардум ва хоҷагии халқи кишвар ва ҳамчунин кӯмак ба чорводорон баррасӣ шуд.

Доир ба вазъи кунунӣ ва чораҳои андешидашуда муовини Сарвазири кишвар Муродалӣ Алимардон, вазири кишоварзӣ Қосим Қосимов ва дигар шахсони масъул гузориш доданд. Тавре зикр гардид, зимистони сарду тӯлонии имсола ва боришоти аз ҳад зиёди барф ба хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла роҳу пулҳои мошингард ва бахши чорводории соҳаи кишоварзӣ, хисороти зиёд ворид намуд. Дар натиҷаи хунукназарии масъулин ва наандешидани чораҳои саривақтӣ дар бисёр минтақаҳои кӯҳистон талафоти чорво ба назар мерасад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони сохторҳои дахлдор доир ба нигоҳубини роҳҳои мошингард, аз тарма тоза кардани роҳҳои минтақаҳои кӯҳистон, таъмини рафтуомади мусофирон, дастрас намудани хӯроки иловагии чорво ба чорводорон, бахусус чорводорони минтақаҳои кӯҳӣ, супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла дастур дода шуд, ки то якуми апрели соли равон доир ба вазъи чорводорӣ дар кишвар ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

Зимни машварат ба масъулин ҳамчунин доир ба омодагии ҷиддӣ ба истиқболи Наврӯзи байналмилалӣ супоришҳои мушаххас дода шуд.

*www.prezident.tj*

## Кӯмак ба ниёзмандони шаҳри Ваҳдат

**13 марти соли 2012 ба истиқболи Наврӯзи хуҷастапай ба ятимону бепарасторон, маъюбон, пирону барҷомондагон ва оилаҳои камбизоати шаҳри Ваҳдат кӯмаки хайрияи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон расонда шуд.**

Имрӯз бо пайравӣ ба анъанаи накӯи наврӯзӣ ва пос доштани ойини ҷавонмардӣ ба зиёда аз 7 ҳазору 200 нафар ниёзманд, аз ҷумла оилаҳои камбизоат ва хонаводаҳои дорои иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, маъюбон, пирону барҷомондагон ва ятимон кӯмаки хайрияи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон расонида шуд.

Кӯмаки хайрия, ки аз маводи хӯрока, либосворӣ ва ғайра иборат аст, аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди ҷамъиятии хайрияи Эмомалӣ Раҳмон харидорӣ шудааст.

Тибқи супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар кӯмакҳои хайрия ба оилаҳои камбизоат ва дигар ниёзмандон расонида мешаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки кӯмакрасонии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ниёзмандон, албатта, соҳибкорону тоҷирон ва дигар мардуми саховатпешаро ҳам ба амалҳои хайру савоб ва дасти кӯмак дароз кардан ба оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон, маъюбон ва пирону барҷомондагон водор месозад.

Тавре Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид медорад, тамоми мардуми кишвар бо кӯмаку дастгирии ҳамдигар шароити истиқболи сазовори Наврӯзи оламафрӯз ва дигар ҷашну идҳои пурифтихори умумимиллиро бояд дошта бошанд.

*www.prezident.tj*

**●Дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Қонуну қарорҳо барои баррасӣ пешниҳод шуданд

**13 марти соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Мамадшо Илолов ҷаласа доир гашт.**

Аъзои кумита мувофиқи рӯзномаи ҷаласа масъалаҳоро доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи шаҳрак ва деҳот», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини вилоят», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ҳисор оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳия», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара оид ба ташкил намудани деҳоти «Ваҳдат»-и ноҳияи Тавилдара» мавриди баррасӣ қарор доданд.

Доир ба масъалаҳои мазкур дар алоҳидагӣ хулосаҳои кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Саҳми сокинон дар маъракаи ниҳолшинонӣ

Сокинони вилояти Хатлон бо мақсади дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани Иди байналмилалии Наврӯз дар маъракаи ниҳолшинониву кабудизоркунӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Тавре аз Раёсати кишоварзии вилоят иттилоъ доданд, соли ҷорӣ дар майдони 7 ҳазору 640 гектар замин боғу токзорҳои нав бунёд мегардад. Бо ин мақсад дар хоҷагии деҳқонии «Ниҳолпарвар» як миллиону ҳафт ҳазор ниҳол омода карда шудааст, ки ба мардуми шаҳру ноҳияҳои вилоят пешкаш мешавад. Мувофиқи Барномаи давлатӣ «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010- 2014» бояд дар майдони 22 ҳазору 700 гектар замин боғу токзорҳои нав бунёд гарданд.

***Д. СУЛТОНОВ,***
***«Садои мардум»***



**●Сайре ба таърихи ойинҳои мардумӣ**

## Нигоҳе ба ҷашни Наврӯз

Наврӯз яке аз бузургтарин ва мондагортарин ойинҳо – ҷашнҳои тоисломии мардуми олитабори ориёнӣ мебошад, ки бо ҷашнҳои Меҳргон, Сада, Тиргон, Об, Оташ, Оғом, Навзул ва ғайра тавъам аст. Ин ҷашну маросимҳо якдигарро комил мегардонанду тақвият мебахшанд. Наврӯз сари ҷашнҳост. Бо вуҷуди он ки дар хусуси Наврӯз анбӯҳи навиштаҳову гуфтаҳо зиёданд, ҷашни Наврӯзро ба насли имрӯз бояд пайваста, дар ойинаи поки рӯзгор аксандозӣ кард. Зеро Наврӯз - некрӯз аст. Менигарем ба Наврӯз, таърихи пайдоиш, маънову мазмун, хусусиятҳо, мақому ҷойи он то ба рӯзи мубораки ҷаҳонишавиаш.

Ҷашни Наврӯз муқаддастарин, зеботарин сури миллӣ ва фарогири ҳамагон аст. Наврӯз вожаи нобу беғубори тоҷикии форсии дарист. Калимаест мураккаб, аз ду калима: «нав» ва «рӯз». Дар асоси шаҳодати манбаъҳо Наврӯз – рӯзи аввали моҳи форсӣ-тоҷикӣ-Фарвардин (бурҷи Ҳамал, моҳи Фарвардин, рӯзи 31, мутобиқ бо 21 моҳи марти тақвими Григорианӣ) буда, ифодагари расидани Офтоб ба нуқтаи аввали Ҳамал (расидани Офтоб ба бурҷи Ҳамал) – ибтидои баҳор аст. Онро Наврӯзи кӯчак – Наврӯзи омма ва Наврӯзи сағир ёд кардаанд. Рӯзи 6-уми Фарвардинмоҳро рӯзи Ҳурдод – Наврӯзи бузург ва Наврӯзи хоса гӯянд. Маълум мешавад, ки дар куҳан ҳам Наврӯзи омма, ҳам Наврӯзи хоса будааст. Наврӯзи омма рӯзи аввали Фарвардинмоҳ буда, дар ин рӯз Офтоб ба нуқтаи аввали Ҳамал меояд, яъне расидан ба нуқтаи аввали баҳор. Ин рӯзро мумкин аст оғози зиндашавии табиат номид. Ин рӯзро рӯзи ба «сайру давр даромадан» ҳам гуфтаанд. Ёд шуда, ки Худои таъоло (Аҳурамаздо) дар ин рӯз Оламу Одамро офарид, бинобар ин рӯзро Наврӯз (рӯзи нав) гӯянд.

Шуои Шед (шед дар забони паҳлавӣ рӯшанӣ, партав), ҷилои тоҷи Ҷамшедро низ мардум аз шодӣ Рӯзи нав – Рӯзи Ҷамшед гуфтаанду ҷашни азим баргузор намудаанд ва ба ин ифтихор ойинҳои некӯро роиҷ донистаанд. Яъне, мардум рӯзи тахтнишинии Ҷамшед, фарри каёнӣ ба сар ниҳодани ӯро Рӯзи нав хондаанд. Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба ин воқеа ишорае дорад:

***Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,***
***Фурӯ монд аз фарраи бахти ӯй.***
***Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,***
***Мар он рӯзро Рӯзи нав хонданд.***

Олимони луғатнигори гузашта Муҳаммад Ғиёсуддин, Рашидӣ, Ҷаҳонгирӣ, Онандроҷ то «Фарҳанги забони тоҷикӣ», боифтихор аз Наврӯз ва танини он ёд кардаанд. Подшоҳони одили пешин ҳар сол аз рӯзи Наврӯзи омма то Наврӯзи хоса (6 рӯз буда) ҳоҷатҳои мардумро баровагда, зиндониёнро озод, муҷримонро авф ва айшу шодӣ мекардаанд. Мураббаъи Наврӯз – Нейзул, Навзул, Навзуш аст. Ин номҳо якҷоя ифодакунандаи як ҷашн мебошанд, бо номи ҷашни Навзул.

Дар замонҳои қадим рӯзҳои наврӯзӣ бисёр муқаддас буда, хусусан подшоҳони Аҷам корҳои бошараф мекардаанд. Алиакбар Деҳхудо (1876-1956, Теҳрон) муаллифи луғатномаи ниҳоят пурарзиш дар як мақолаи худ бо номи «Наврӯз» дар заминаи китоби «Анҷуманоро» чунин маълумот медиҳад: «Ин рӯзро (Наврӯзро) дар назди подшоҳони Аҷам шарафҳост. Гӯянд дар он рӯз эҷоду иншо халқ шуда ва саъдтар аз сооти он рӯз сооти таҳвили Шамс аст ба Ҳамал..., шоҳаншоҳӣ ба Ҷамшед расид, таҷдиди ойини эзадпарастӣ кард... ва он рӯзро Наврӯз гуфт ва ид гирифт». Аҷдодони қадими мо пеш аз аҳди Сосониён ҷашни Наврӯзро дар аввали баҳори ҳар сол ва оғози Бурҷи Ҳамал баргузор мекардаанд. Он «Рӯзи шодии бузургон» буд. Дар аҳди Сосониён молиёти кишоварзӣ дар он рӯз ифтитоҳ мешудааст. Наврӯз ба ғосибони аъроб ҳам кора карда, равшандилони ин қавм дар хусуси Наврӯз бо некӣ ёд кардаанд.

Олими араб Мӯсо ибни Исо Ал-Кисравӣ дар китоби арзишмандаш «Китоб-ул-маҳосин ва –л-аздод» («Китоби хислатҳои накӯ ва зидҳо») менависад: «Нахуст касе, ки Наврӯзро ойин гузошт, подшоҳиро бунёд ва рамзи давлатдориро барқарор ва нуқраву тилло ва дигар маъданҳоро ба даст овард, аз оҳан силоҳ сохт, асп ва дигар маркабро ром кард, садафу мушку амбар ва дигар накҳатҳоро пайдо кард, қасру кӯшкҳо сохт, корез ва обёрӣ кард – Ҷамшеди каёнӣ буд. Наврӯзро асос гузошт бадон сабаб ки ӯ дар ин рӯз оламро ба даст даровард ва кишвари Эроншаҳрро, замини Бобулро барқарор кард. Наврӯз оғози барқароршавии ҳокимият буд. Дертар шакли мувофиқ гирифт, расму ойин шуд».

Метавон иброз дошт, ки Наврӯз ба маънои рӯзи муборак, наву тоза, рӯзи оғози Соли нав аст. Аллома Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» оварда, ки: «Наврӯз аз расмҳои порсиён аст. Наврӯз чист? Нахустин рӯз аз Фарвардинмоҳ. Ва з-ин ҷиҳат рӯзи нав ном кардаанд, ки пешонии Соли нав аст». Дар хусуси пайдоиши Наврӯз бофтаҳои бисёр эҷод гаштаанд, ки ҷавҳари ҳақиқат доранд. Алиакбар Деҳхудо, ки дар фавқ ёдаш кардем, дар мақолааш «Наврӯз» як маълумоти ҷолиберо пеш оварда. Ӯ менависад «Бисту панҷ рӯз пеш аз Наврӯз дар саҳни дорулмулук (дорулмулуки Ҷамшед – У.Н.) дувоздаҳ сутун аз хишти хом барпо мешуд, ки бар сутуне гандум, бар сутуне ҷав, бар сутуне биринҷ, бар сутуне боқуло, бар сутуне коҷил, бар сутуне арзан, бар сутуне зурат (ҷуворӣ), бар сутуне лӯбиё, бар сутуне нахӯд, бар сутуне кунҷид, бар сутуне мош мекоштанд ва онҳоро намечиданд. Дар рӯзи шашуми Наврӯз ин ҳабуботро мекананд ва майманатро дар маҷлис мепароканданд ва то Рӯзи меҳр аз моҳи Фарвардин онҳоро ҷамъ намекарданд. Ҳанӯз ҳам коштани ҳабубот пеш аз ид ва нигоҳ доштани сабзаи онҳо то рӯзи 13 Фарвардин дар аксар хонадони эронӣ маъмул аст. Ин ҳабуботро барои туфол мекоштанд ва гумон мекарданд, ки ҳар як аз онҳо, ки некӯтар ва борвартар шавад, маҳсули он дар он сол фаровон хоҳад буд ва шоҳаншоҳ ба назар кардан дар ҷав бавижа табаррук меҷуст».

Ин навишта ва ёддошт аз куҳанзамонҳо аз халлоқияти мардуми мо шаҳодатест, на аз карахтиву «бесаводӣ»-и онон. Сосониён (подшоҳон) чунин одат доштаанд: дар 5 рӯзи аввали Фарвардин (Наврӯзи омма), рӯзи аввали Наврӯз шоҳ оммаро аз нишастан (ҳамсӯҳбат гаштан) меогоҳонида, дар рӯзи 2 ба касони аз омма рафеътар (бошарафу баландовоза), яъне деҳқонон ва аҳли оташкадаҳо маҷлис мероста, рӯзи 3 барои асворону (дастбаранҷон) мӯбадони бузург маҷлис мероста, рӯзи 4 барои афроди хонадону наздикон ва хосони худ, рӯзи 5 барои писару наздикони худ маҷлис ороста, ба ҳар яке аз онон мувофиқи рутбат (мақом) инъомҳо медода. Баъди ин Наврӯз дигар дар ихтиёри шоҳ буда. Дар айёми барои иштирокдорон (мансуб ба ҳамон ҳолат) навоҳои хос навохта мешудааст. Дар субҳи Наврӯз ба якдигар об мепошидаанд. Ҳадяи хуб шакар буда. Дар ин шаб оташафрӯзӣ низ расм буда...

Маълумоти оварда як китоб маънoро фарогир буда, дар ойинаи зиндагӣ ҳаёти ҳайратгузорро аксандозӣ менамояд. Аз манобеи дигар огоҳ мегардем, ки барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ҷашни Наврӯз тахту майдонҳо месохтаанд. Масалан, бунёди тахти Ҷамшед аз ҷониби Дориюш дар доманаи Кӯҳи Раҳмат аз он қабил аст, ки беш аз сад сол тӯл кашида (оғоз – соли 520 милодӣ, анҷом – аввали салтанати Ардашери Аввал, бо итмом толори Садсутун). Ҳадаф аз эҷоди тахти Ҷамшед чӣ буд? Комёбиҳои худро дар таърих мондагор намудани Дориюш. Зеро Посгард дастоварди Куруши Кабир, Шӯш дастоварди подшоҳони иломӣ, Акботино дастоварди модҳо буда. Ҳадафи дигар бунёди марказе барои ташрифот ва ҷашнҳое мисли ҷашни Наврӯз, вуҷуд доштани маконе барои ташрифи намояндагон дар фасли баҳор ва сафирони қавму миллатҳои тобеъ (барои адои эҳтиром, эҳдои ҳадяҳо, пардохти молиёт ва ғайра), муқаддасгоҳи ташрифӣ (на пойтахти сиёсӣ)-шояд маркази тамоми созмони идории Порс, сарриштаи ҳамаи умур, ҷойгоҳе барои намоиши қудрат ва азамати подшоҳии Ҳахоманишиён дар муқобили намояндагони халқҳои тобеъ, ҷое барои ҷашни баҳорӣ ва дигар корҳои хайр.

Метавон пиндошт, ки ҷашни Наврӯз ҳақиқат, тағйиру такмили табиати ҷаҳону инсонҳо, кӯшиш барои навшавӣ, навгаройӣ, навандешӣ, тағйири тозаи зоҳириву ботинӣ, андешидани нақшаҳои навин барои беҳбуди оянда, барои дар ҷаҳони моддӣ нав шудан аст. Саъдӣ ба ин маънӣ ишораи барҷое дорад: «Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набинад». Ин фикр ҳаққу андешабарангез аст...

Чун жарф ба навиштаи доноёни куҳан, баъдӣ, ҷаҳондидагону таҷрибабиомӯхтагон, ба таъриху ойину русуму ҷашну сурҳои ҷаҳониён бингарем, ба ёд мерасад, ки аз пеш аз зуҳури Зардушти кабир то кунун ҳеҷ ҷашне ба дараҷаи Наврӯз дар байни қавмҳои Ориёӣ дар равнақу шукӯҳ набуда. Далели даъвии худ онро меҳисобам, ки дар хусуси Наврӯзи кӯҳан бузургон, алломаҳое мисли Ҳеродот, Газанфон, Касроӣ, муҳаққиқони ғарбӣ А.Кристенсен, нобиғаҳои Шарқ Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва ғайра кашшофона, муҳаққиқона, заррабинона, боинсофу сидқу ростин сухан рондаанд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Деҳоти Ровандобод мешавад

**Ванҷи боло дар диёри зебо, хушобу ҳавои дорои сарватҳои бузурги табиӣ воқеъ гардидааст. Аз маркази ноҳия - шаҳраки Рохарв то домони пиряхҳои бузурги Федченко, Хирсон ва Кашолаях қариб сад километр роҳ аст. Дар ин минтақаи баландкӯҳ дувоздаҳ рустои он, ки дар канори Ванҷоб ҷойгузинанд, ба деҳоти Рованд тааллуқ доранд. Ҷамоати деҳоти мазкурро тайи чанд соли охир марди меҳнатдӯст ва ташаббускор, ҷанговари интернатсионалист Рустам Ёдгоров роҳбарӣ мекунад. Аз ӯ хоҳиш кардем, ки аз саргузаштҳои ҷангии худ ҳикоя намояд.**



- Воридшавии Артиши Шӯравиро ба Афғонистон баъзеҳо санги маломат мезананд. Аммо ман, - мегӯяд ӯ, -шоҳиди воқеаҳои он солҳо буда, дар ҳайати дивизияи 105-уми тирандозии қисмҳои маҳдуди Иттиҳоди Шӯравӣ дар баталёни разведка командири взвод будам, хуб дарк мекунам, ки дохилшавии қисмҳои низомии Шӯравӣ ба хоки Афғонистон як зарурати таърихӣ буд. Агар мо ин амалиётро ба ҷо намеовардем, албатта, амрикоиён ин корро мекарданд ва вориди ин сарзамини азияткашида мешуданд.

Дар бештар аз чил амалиёти ҷангӣ тайи се соли дар ҳайати маҳдуди қӯшунҳои Шӯравӣ буданам дар хоки Афғонистон ширкат варзидам. Маълум, ки баталёни разведка шабу рӯз қарор надорад, мунтазам аз паи дарёфти «забон», омӯзиши мавқеъҳо, қувваи душман ва инчунин фаҳмидани ҳолати рӯҳии мардуми афғон ва муносибати эшон ба қӯшунҳои Шӯравӣ буд. Молу асп ва уштурони зиёдеро ба ғорат бурданд. Он мӯйсафеди пуштун чун бовар кард, ки аз ҷумлаи сарбозони ғоратгар ва ваҳшӣ нестем, аз дилу ҷон мавқеи пинҳонгаштаи мухолифинро ба мо нишон дод. Мо аз борхалтаҳои хеш ба кӯдакон шириниҳо, чою намак ва дигар чизҳои хоксоронаи хешро тӯҳфа кардем. Рӯзи дигар ба мавқеи нишондодаи он мард тайёраҳо ва чархболҳо зарба заданд. Яке аз полкҳои дивизия ба ҳуҷум гузашта, даҳҳо нафар душманонро кушта, қариб сӣ нафари онҳоро асир гирифт...

Бори дигар чор тан аз сарбозони взводамон дар наздикиҳои шаҳри Ҳирот камин гирифта, омадани корвони яроқу аслиҳаро аз тарафи биёбон ба ин шаҳр интизорӣ мекашиданд. Субҳдам, даме ки замину осмон оҳиста-оҳиста равшан мешуд, дидем, ки тахминан бист нафар занону духтарон ҳезум дар пушт базӯр ба ҷониби шаҳр ҳаракат мекунанд. Пуштора ҳезум кашидани бонувони афғон як ҳодисаи муқаррарист, вале барои мо шубҳаовар намуд, ки наход як бандча ҳезуми хушк ин қадар вазнин бошад. Зеро занону духтарон хам шуда, бо мушкилоти зиёд ҳаракат мекарданд. Ин ҳолат моро водор намуд, ки бо ратсия ба ситоди полк хабар диҳем. Баъди чанд дақиқа ба ҷойи камингирифтаи мо чор техникаи зиреҳпӯш бо сарбозон омаданд. Вақте ки таҳқиқ кардем, миёни ҳар бандчаи ҳезум ду-се автомат ва дигар намудҳои лавозимоти ҷангӣ пинҳон буд. Маълумамон гашт, ки чанд тан аз душманон дар либоси бонувони ҳезумкаш будаанд. Занону духтаронеро, ки бо зарби яроқ мухолифин ба «ҳезумкашонӣ» маҷбур карда буданд, раҳо кардем, яроқбадастонро бошад, ба ситоди полк бурдем.

Халқи оддӣ сарбозони моро хеле дӯст ва гиромӣ медошт. Ин охирин муҳорибае дар садаи бистум буд, ки намояндагони даҳҳо миллатҳо ва халқиятҳои як кишвари бузург якҷо амал мекарданд.

- Лаҳзаҳо ва умуман хотираҳои зиёде аз он солҳо дар ёдам мондаанд. Аз ҷумла ёд дорам, ки боре шабона ба яке аз музофотҳои аҳолинишини биёбонҳои Қандаҳор ҳайати взводи мо ба разведка рафта буд. Дар шаби торик миёни дашти сӯзони бегиёҳ ба хаймаи чорводорони кӯчманчии пуштунтабор расидем. Сару либос ва каллапӯши афғонӣ доштем, аз ин лиҳоз бошандагони хайма, ки миёнашон чанд кӯдак низ буд, моро аз ҷабҳаи мухолифин, ба таъбири дигар, «душманон» пиндоштанд. Онҳо баробари дидани одамони яроқнок дарақ-дарақ меларзиданд. Бо ишораи саркардаи қабила ду тан ҷавон шитобон аз рама ва галла чор сар гӯсфанд ва як гову уштурро ба наздикии хайма оварданд. Аз ҳама калони хонавода - марди сиёҳҷурдаи босалобати пуштун бо овози ларзон пешниҳод кард, ки ҳамаи чорвоён ва уштурро бигиреду ба занону духтарон кордор нашавед.

Вақте мо гуфтем, ки сарбозон ва афсарони Шӯравӣ ҳастем ва ба зану фарзандон ва ҳайвонони шумо коре надорем, дар дидагони пиронаи марди пуштуни саҳронишин ва бошандагони дигари хайма ашки шодӣ ҳалқа зад. Вай бо забони равони дарӣ изҳор кард, ки хонасалотҳои душман чанд рӯз пештар ба ин макон омада, духтари калонии ӯро рабуданд. Ҷавононро зӯран ба сафҳои худ шарик карданд.

Раиси Ҷамоати деҳоти Рованд, ҷанговари интернатсионалист Рустам Ёдгоров барои шуҷоат ва хизматҳои арзандааш дар ҷанги Афғонистон бо нишонҳои «Барои шуҷоати ҷангӣ», «70-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи СССР», «Ба ҷанговари интернатсионалист аз номи халқи Афғонистон», Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии СССР барои мардонагӣ дар иҷрои қарзи интернатсионалӣ дар Ҷумҳурии Афғонистон мукофотонида шудааст.

Аз он замон солҳои зиёде сипарӣ гардидаанд. Баъди бозгашт ба Ватан, ба диёри Ванҷ, Рустам Ёдгоров ду сол дар рустои Гармчашмаи водии Ванҷи боло муаллими мактаби миёна шуда кор кард. Сипас, маҳорату кордониашро ба эътибор гирифта, директори мактаб таъин карданд. Бо роҳбарии ӯ мактаби миёнаи рақами 10 дар ноҳия пешқадам гардид. Се сол муқаддам Рустам Ёдгоров мудири шӯъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ буд, ки аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаи пуршараф низ бо сарбаландӣ баромад.

Ҳоло соли чорум аст, ки Рустам Ёдгоров раиси Ҷамоати деҳоти Ровандӣ ноҳияи Ванҷ мебошад. Мардуми деҳаҳои болооби рӯдхонаи Ванҷоб барои аз як соҳил ба соҳили дигари он гузаштан азоби зиёд мекашид. Аз болои дарёи бепул гузаштан осон аст магар? Аз ин хусус ҳанӯз дар даврони Шӯравӣ мардум мурочиат карда бошанд ҳам, ба он касе аҳамият надод. Танҳо дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси вилоят Қодири Қосим корҳои ободонӣ дар ин минтақаи дурдаст оғоз гардид. Ду сол муқаддам аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои бунёди купрӯки Миденхарв-Вишхарвак зиёда аз 7 млн. сомонӣ ҷудо гашт ва он сохта ба истифода дода шуд. Ин имкон дод, ки дар мавзеи Дуршер-Вишхарвак бозори нав ташкил гардад ва мардум асбобу анҷоми дар коргоҳҳо сохтаи оҳангарони деҳотӣ, инчунин табақҳои устоҳои Ширговадӣ, дигар маводи рӯзгорро ба фурӯш бароранд.

Ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мактаби Удоб ва деҳаи Рованд аз ҷониби Вазорати маорифи ҷумҳурӣ сохта ба истифода дода шуд. Мактабҳои деҳоти Ширговад, Дуршер азнавсозӣ ва таъмир карда шуданд.

Ҷамоати деҳоти Рованд ҳоло дорои 13 мактаб, як маркази саломатии замонавӣ, 8 бунгоҳ, як таваллудхона, хонаи фарҳангӣ, клубу китобхона, нерӯгоҳҳои барқии Поймазор, алоқаи ДАМА буда, аз тамошои барномаҳои Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина», Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо», Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон Баҳористон» бархӯрдор аст. Айни замон корҳои ободонию бунёдкорӣ дар деҳоти Рованд идома доранд.

***С. ДИЛОВАРОВ, Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

# Нигоҳе ба ҷашни Наврӯз

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ривоёти шарқиён, дар хусуси бузургии Наврӯз бисёр самимӣ сухан рафта (дар ҳамин рӯз ба дунё омадани нахустподшоҳу нахустинсон Каюмарс, дар ҳамин рӯз таваллуд шудани Хушангшоҳи пешдодӣ, дар ҳамин рӯзи фаррух девонро асир кардани Таҳмурас, дар ҳамин рӯз Эрони бузургро ба фарзандонаш тақсим кардани Фаридуншоҳ, таваллуд шудани ҳазрати Зардушт, аз ҷониби Ахурамаздо ба пайғамбарӣ баргузида шудани ӯ ва хилқати Одаму Ҳавво ба вуқӯъ пайвастааст).

Мардуми қавми наҷиби ориёнӣ тавонистаанд аз мероси фарҳангии худ, аз ҷумла ҷашни Наврӯзро аз манъкуниву монеъшавии аъроб қаҳрамонона дифоъ кунанд. Ойинҳои мо баъзан ба андешаҳои исломӣ низ пайванд дода мешаванд. Дар ин ҷода бохту бурдҳо ба чашм мерасад. Ҳарчанд хулафои аъробӣ дар ибтидо ба Наврӯз беэътино буданд, дар рӯзи Наврӯз ҳадяҳои ин ҷашнро ҳамчун хироҷи солиёна қабул мекардаанд. Умавиён бошанд, барои даромад ҳадяҳои (андозҳои) наврӯзиро афзуда, мардумро ба эҳдои ҳадяҳо (неъматҳои ба араки ҷабин дарёфта) даъват мекардаанд. Ин ҷашн дар тамоми муддати вуҷудияташ ҳамчун ҷашни миллӣ, санаи пурифтихори эҷоди маънавӣ ва минуиӣ нажоди гузаштаи мо, ҳамчун илҳомбахши аҳли оламу адаб буда. Чаро Ҷамшедро ориёнифарҳо, таърих ёд дорад ва баъдан низ бо некӣ ёд хоҳад кард? Барои бунёдгузори Сари сол – Пешонаи сол – Рӯзи нав – Наврӯз (барои ҳамаи мо ориёинажодон) буданаш.

Қадршиносони таърих хабар додаанд, ки Ҷамшед ба инсонҳо нарм кардани оҳан, аз оҳан абзори ҷангӣ сохтан, аз пашму катону абрешим риштан, бофтан (рағза, намад, гилем), дӯхтан (ҷомаву пероҳан, чакман ва ғайра), ҷомашӯйӣ, аз хоку гил хонасозӣ, гармоба сохтану шустушӯй, аз санги хоро зар, рӯҳ, арзиз, сурб баровардану обгина баровардан, аз дарё гавҳар бурун кашидан, рангҳои гуногун пайдо кардану мусаввирӣ, наққошиву суратгирӣ, аз рустаниҳо, гиёҳҳо накҳат ихтироъ кардан, барои ҳар дард дору ва даво ҷустан, нахуст киштӣ сохтану заврақронӣ кардан (киштӣ ба об андохтан), роҳ сохтан, кишваргардиву кишваркушоӣ кардан, пулбандӣ бар рӯйи дарёҳо, аспсаворӣ, оростани хона, хонгустарӣ, деҳишу бахшиш омӯхтан, ба мардум гӯшт хӯрдан («Готҳо»), ҷашни Наврӯзро поя гузоштан ва ба дигар касбу ҳунарҳоро омӯхт ва ёд дод.

Магар ҳамаи ин аз бузургии қавми мо ва бузургонаш дарак намедиҳад? Замонҳои куҳанро тира, мардуму ашхосро «бесавод» пиндоштан оё аз сари инсоф аст? Магар ин мактаби кашшофӣ, бозтобӣ, идома, таъсиргузорӣ, ихтирои Наврӯз барои башарият (дар тамоми даврони таърихи беш аз ҳафтҳазорсола), шинохти Наврӯз (ба ҷаҳонишавӣ расонидани он) бузургии қавми озодагон нест? Ҷашни Наврӯз қомуси бисёрсаҳифа ва муқаддасест барои бардавом ва ҳамешагӣ омӯхтану комил гардонидан!

Ҷаҳониён эҷодҳои зиёд доранд ва мӯъҷизоти бисёр офаридаанд, вале аз сари инсоф ҷашне дар пояи Наврӯз нест. Нобиғаи тамаддуни башар Умари Хайём дар хусуси Наврӯз ҳамчун падидаи муқаддас, ҳамчун рамзи зодрӯзи ҷаҳону осмону замину инсон, ҳамчун пирӯзии рӯшанӣ бар торикӣ, ҳамчун сароғози ҷунбишу рӯйиш, эҳёи табиат, бисёр неку гуфта: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузаронад». Оре! Ба андешаи мо, дар каломи наврӯзии ёдкардаи нобиға Хайём беҳтарин орзуву пиндорҳои нек барои ҳар инсони худшинос нуҳуфта аст. Наврӯз оташе намиранда дар дили мост ва тантанаи якрӯзаву якмаъно не, балки ҳазору ҳазор маънист, рӯзи озодиву шодӣ, бознигарӣ ба худу дигарону ҷаҳон, фарҳанги худсозиву худафрӯзӣ, гулборонӣ, айёми осоишу ваҳдат, рафъи кинаҳо аз синаҳо, рӯзи ҳамбастагӣ, муҳаббат, гузашт, бахшиши гуноҳҳо, рӯзи оштишавии «душманон», рӯзи меҳрафшониҳост.

Як нуктаро бояд таъкид намуд, ки ҷашни Наврӯз дар аҳди хонадони Сосонӣ (сулолаи Сосониён) ва ҳукмронии онон (асрҳои III-VII) дар Шарқи Наздик ва Миёна хеле мутантан баргузор мегардида. Барои асосгузори сулолаи Сосониён Ардашери Бобакон ва ворисонаш Шопури 1, Ҳурмузди 1, Баҳроми 1, Баҳроми II, Баҳроми III, Нарсе (293-302), Ҳурмузди II, Шопури II, Ардашери II, Шопури III, Баҳроми IV, Яздигурди I, Баҳроми V – Гӯр, Яздигурди II, Ҳурмузди III, Пирӯз, Валош (Балош, 484-488), Қубоди I, Ҷомосп (Замасп, 496-499), Хусрави I, Анӯшервон, Ҳурмузди IV, Хусрави II, Парвиз, Қубоди II, Ардашери III, малика Турон (629-630), малика Озармдухт (630-631), Фаррухзоди Хусрав (631-632), Яздигурди III, ҳамчун ҷашни баҳору меҳру ҳамбастагӣ будааст (баъзе халалдеҳону бепарвоёну нописандон низ будаанд).

Рамзи баҳори дунё – Наврӯз ҳамчун муборактарину хуррамтарин рӯз бисёр шоиронро ба ваҷду шӯру шавқ, ба нуктапардозӣ овардааст, ҳатто пеш аз Рӯдакӣ, Устод Рӯдакӣ чанг бигрифтаву навохтаву суруд андохтаву чунин чаҳ-чаҳ зада:

***Чун сипарам неҳ миёни базм ба Наврӯз,***
***Дар маҳи Баҳман битозу ҷони адӯ сӯз!***
***Боз ту беранҷ бошу ҷони ту хуррам,***
***Бо наю бо руду бо набиди Фанорӯз!***

Қатрони Табрезӣ (вафоташ соли 1083) Наврӯзро «фаррухи Меҳргон» меҳонад:

***Наврӯз ҳамин Ҷами ҳумоюн овард,***
***Чун фаррухи Меҳргон Фаридун овард.***

Бо расидани Наврӯзу баҳор олами пир ҷавон, нафаси боди сабо мушкфишон, ҷаҳон ба коми ошиқон мегардад. Шоирони боҳиммат ба пойи Наврӯз дарё –дарё дурҳо фишондаанд. Чанд мисоли дигар:

Умари Хайём:
***Бар чеҳраи гул шабнами Наврӯз хуш аст,***
***Дар тарфи чаман рӯи дилафрӯз хуш аст.***
***Аз дӣ, ки гузашт, ҳар чӣ гӯӣ, хуш нест,***
***Хуш бош, зи дӣ мағӯ, ки имрӯз хуш аст.***

**Ҳаким Саноӣ:**
***Орост баҳор кӯю дарвозаи хеш,***
***Парканд ба богу рог овозаи хеш.***
***Бинмой баҳорро рухи тозаи хеш,***
***То бишносад баҳор андозаи хеш.***

**Сӯзании Самарқандӣ:**
***Хушо, боди саҳаргоҳӣ, ки бар гулшан гузар дорад,***
***Ки ҳар фаслеву ҳар вақте як ҳоли дигар дорад.***
***Гаҳе бар оразӣ ҳомун, зи бори лола гул пӯшад,***
***Гаҳе бар соқат, ки нақши гул сувар дорад…***
***Насими боди фирдавс асти, гӯӣ, к-аз насими ӯ,***
***Рухи богу канори рог, чун фирдавс фар дорад…***
***Гаҳе бар гул, гул афшонад, гаҳе бар гул, гул резад,***
***Гаҳе дар дил макон дорад, гаҳе дар сар маҷар дорад.***
***Ало, э боди рӯҳафзои чеҳрангези мушкафшон.***
***Хабар деҳ, к-ин нигори мо зи ҳоли мо хабар дорад.***

***Усмон НАЗИР, номзади илмҳои филология***

## ● Вакилони халқ 1938-2010

# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**НУРОВА Илич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Горький №4, шаҳри Душанбе***

Соли 1925 дар деҳаи Курговати ноҳияи Қалъаи Хум таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1942 ҳамчун муаллимаи мактаби ибтидоӣ сар кардааст.

Аз соли 1946 дар Комбинати нонпазии Душанбе кор мекард.



**СУЛАЙМОНОВ Абдулҳай Сангинович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Жданов №5, шаҳри Душанбе***

Соли 1918 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик. Номзади фанҳои химия, дотсент.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1939 сар кардааст. Аз соли 1942 устоди Институти давлатии омӯзгории Ленинобод. Мудири кафедраи химияи Институти омӯзгорӣ, мудири кафедраи химия ва аз соли 1962 ректори Институти политехникии шаҳри Душанбе буд.



**ИЛИН Владимир Георгиевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Роҳи оҳан №6, шаҳри Душанбе***

Соли 1927 дар шаҳри Оренбург таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус.

Баъди хатми Омӯзишгоҳи роҳи оҳан ба депои паровози стансияи Душанбе ба кор медароияд. Соли 1947 ёрдамчии мошинист ва соли 1949 мошинисти тепловоз буд.

Бо медали «Барои меҳнати шоён» ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.



**РАБИЕВ Салом**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қамчин №7, шаҳри Душанбе***

Соли 1930 дар деҳаи Арақчини ноҳияи Ленин таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 сар кардааст. Аз соли 1956 ба Раёсати бинокории №2-и тресги «Гражданстрой»-и шаҳри Душанбе бетонҷӣ шуда ба кор медароияд. Сардори бригадаи бетончиён, сардори бригадаи комплексии Раёсати механиконидашудаи тресги «Душанбестрой» буд.



**МАҲКАМБОЕВ Салимҷон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Коммунистӣ №8, шаҳри Душанбе***

Соли 1937 дар шаҳри Намангони ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1960 баъди хатми Институти политехникии ба номи М.И. Калинини шаҳри Ленинград ба Заводи «Тоҷиктекстилмаш» ба кор фиристода мешавад. Конструктор, устои калони сехи рехтагарӣ шуда кор кардааст. Аз соли 1962 ҷонишини сардори сехи рехтагарии Заводи «Тоҷиктекстилмаш» буд.



**ХОЛМАТОВ Додоҷон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Лермонтов №9, шаҳри Душанбе***

Соли 1907 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олии нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1923 сар кардааст.

Соли 1956 директори Корхонаи комбинати бофандагии Душанбе, баъдан сардори раёсати азхудкунии заминаҳои обӣ шуда кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**РАҲИМОВА Паттиҷон**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Наврӯз №10, шаҳри Душанбе***

Соли 1935 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи махсус.

Дар фабрикаи бофандагӣ аз соли 1956-ум таъмирчӣ, баъдан шогирди усто шуда кор кардааст. Аз соли 1959 устои сменагӣ буд.



**ВАЙСОВ Мирзоалӣ**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Рӯдакӣ №11, шаҳри Душанбе***

Соли 1914 дар деҳаи Сурхдараи ноҳияи Восеъ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1933 сар кардааст. Раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткаши ноҳияи Сари Хосор, раиси Комиҷроияи Шӯрои ноҳиявии Сари Хосор, сардори шӯъбаи Госплани Шӯрои Вазирон, раиси Комиҷроияи ноҳияи Кӯлоб, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Восеъ, мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ленин шуда кор кардааст. Соли 1961 вазири савдои ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» ва ду медал мукофотонида шудааст.



**ДАДОБОЕВ Рауф**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Бинокорӣ №12, шаҳри Душанбе***

Соли 1924 дар деҳаи Қистакӯзи ноҳияи Хуҷанд таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1942 сар кардааст. Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС-ро хатм намудааст. Номзади фанҳои таърих. Сардори Раёсати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси Вазорати маориф, мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон буд.

Бо ордени Шараф, ду медал ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Сокинони пойтахт ба даъватҳои раиси шаҳр ҳамовозанд

**Сездаҳуми март дар толори Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳи пойтахт» таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи васеи кории шаҳрдорӣ бо иштироки 2500 нафар намояндагони ҷамоатчигии шаҳр, ки иборат аз тамоми раисони ширкатҳои соҳибмулкони манзил, шӯрои шаҳраку маҳаллаҳо ва сардорони биноҳои истиқоматии ҳудуди марзиву маъмурии шаҳр буданд, баргузор гардид.**

Дар ҷаласа, қабл аз ҳама Маҳмадсаид Убайдуллоев аз ҳамкорӣ ва саҳмгузориҳои аҳли ҷамоатчигии пойтахт дар ободониву тозакориҳои маҳали зист изҳори сипос намуда, дар сӯҳбати ошкоро кулли ҳозиринро бори дигар бо мушаххасоти барномаҳои ободонии шаҳрдорӣ, ки бо Қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе таҳти №75-8 аз 22 декабри соли 2011 тасдиқ гардида, баҳри омодагиҳо бахшида ба таҷлили 90-солагии мақоми пойтахт гирифтани шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 2012 то 1 октябри соли 2014 дар ҳудуди марзию маъмурии шаҳри Душанбе «30 моҳи ободонӣ» эълон шудааст, шинос намуд.

Аҳли толор бо ҳамовозӣ аз ин ибтикорот ҷавобан ба даъватҳои раиси шаҳр изҳор намуданд, ки бо иштироки фаъолона дар чорабиниҳои мазкур онҳо ба истиқболи ин санаи фархунда хонаву бино, шаҳраку маҳаллаи аз ҳама нигоҳ намунавиро бо ташаббускории бемислу зиндагии қонунсолорӣ эҳдо хоҳанд кард. Зимнан М. Убайдуллоев ба масъулин дастур фармуд, ки барои ташкили рақобатпазирии корҳои омодагӣ миёни институтҳои шаҳрвандии шаҳр бо муқаррар намудани мукофотҳо озмун эълон карда шавад.

Инчунин дар ҷаласа оид ба масъалаи таъмири бар асари сардиҳои зимистон харобгардидаи роҳҳои ҳудуди шаҳр, тибқи барномаи шаҳрдорӣ бо сафарбарсозии маблағҳои буҷетӣ ва ҷалби субъектҳои соҳибкорӣ, таъкид намуд, ки вусъатбахшии корҳо бо инобати мусоидии боду ҳаво дар таносуби ҳар кадом ноҳияҳои шаҳр шурӯъ гардида ва рафти корҳои мутазаккира зери назорати шахсии Раиси шаҳр сурат мегиранд.

Зикр гардид, ки соли ҷорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети шаҳр барои азнавсозии 16 кӯчаи алоҳида беш аз 220 млн. сомонӣ маблағ сафарбар гардида, бо ҷалби маблағҳои саҳмгузории субъектҳои соҳибкорӣ, ки дар татбиқи «Солҳои таъмиру барқарорсозии роҳҳо ва пиёдагардҳои ҳудуди шаҳраку маҳаллаҳо дар шаҳр» эълон шудани солҳои 2012 – 2015 ҳамчун шарики иҷтимоӣ ҳиссагузорӣ менамоянд, рӯзҳои наздик ба маблағи беш аз 15 млн. сомонӣ 92,7 км роҳҳо ё худ дар таносуби ноҳияҳои шаҳр: Сино-37.6 км (6 млн. сомонӣ), Шоҳмансур-23,2 км (2,2 млн. сомонӣ), Фирдавсӣ-16,3 км (3,5 млн. сомонӣ) ва И. Сомонӣ- 15,6 км (3,3 млн. сомонӣ) таъмири ҷорӣ мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки ин миқдор таъмири ҷории роҳҳо ҳамаи роҳҳои харобгардидаи ноҳияҳоро фаро намегирад ва масоҳати боқимондаи онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети ноҳияҳо таъмир мешавад.

***Ш. САИДОВ***

## ● Ҳашар

# Дарахтонро на барои як ё ду сол мешинонанд

Ҳамасола дар ноҳияи Рӯдакӣ бо фарорасии фасли баҳор ҳашари умумии шинонидани ниҳоли дарахтони сояафкану мевадиҳанда ва гулу буттаҳои ороишӣ ташкил мешавад. Имсол низ бо қарори раиси ноҳия дар ноҳия кабудизоркунию ниҳолшинонӣ ҳанӯз аз нимаи дуюми моҳи феврал оғоз гардид.

Дар ин маърака аввалин шуда кормандони Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии ноҳия камар бастанд. Онҳо баъди гирифтани дуои пирони рӯзгордида ва иштироки масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, бо шинонидани аввалин ниҳолҳои сояафкан дар шафати роҳи мошингарди маркази ноҳия, ба мавсими нави ниҳолшинонӣ ҳусни оғоз бахшиданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки корхонаи мазкур дар доираи ободонӣ ва бунёдкорӣ барои сарсабзу хуррам гардонидани маркази ноҳия - шаҳраки Сомониён ҳамасола намунаи ибрат нишон медиҳад.

Имсол низ роҳбарият ва кормандони корхона бо мақсади ободонии маркази ноҳия то имрӯз дар шафати роҳи марказӣ 300 бех ниҳоли ороишӣ, аз қабили сарв, арча ва сӯзанбарг шинониданд.

-Ниҳолҳоро аз Хоҷагии ниҳолпарварии шаҳри Турсунзода овардем. Синни дарахтон аз шашсола боло буда, пеш аз харидани он мутахассисони соҳаи ниҳолпарварӣ тарзу усули шинонидан ва роҳҳои нигоҳубини ниҳолҳои сояафкану ҳамешасабз ва мевадиҳандаро амалӣ нишон доданд,- мегӯяд сардори корхона Ҳоким Саидов.

Сипас, бо даъвати сардори корхона рафти ниҳолшинониро мушоҳида кардем. Маълум гардид, ки аҳли кормандони корхона қитъаҳои барои шинонидани ниҳол ҷудогардидаро аз рӯйи маслиҳату тавсияи мутахассисон хеле хуб омода кардаанд.

Ростӣ, чунин ҷараёни кор ва коркарди замин барои ниҳолшинониро бори аввал дидам.

Ҳоким Саидов сабаби дар ду шафати роҳи мошингарди маркази ноҳия шинонидани дарахтони ҳамешасабзро чунин шарҳ дод:

-Сӯзанбаргу арча оҳиста-оҳиста инкишоф меёбад. Онҳо хеле баланд шаванд ҳам, чун дарахтони сафедору чанор, барои хонаҳои истиқоматӣ, ноқилу симҷӯбҳо ва дигар воситаҳои коммуникатсионии шафати роҳ хатар эҷод намекунанд. Аз ин рӯ, бо хулосаи идораи кишоварзии ноҳия ва мутахассисони соҳа чунин намуди дарахтони сояафкану ороишӣ шинонидем.



Оре, кормандони корхона на танҳо дар атрофи корхона ва маркази ноҳия, балки ҳар як рӯзи мусоиди баҳорро истифода бурда, дар маҳали зисташон низ дар шинонидани дарахтони мевадиҳандаю сояафкан саҳмгузоранд. Аз ҷумла чунин иқдоми онҳо дар Ҷамоати шаҳраки Навобод чашмрас аст. Бо ташаббуси онҳо дар шафати роҳҳо, атрофи биноҳои баландошёна ва мактабу идораҳои давлатӣ ниҳолҳои гуногун шинонида шудааст. Бояд гуфт, ки дар рӯзҳои ҳашари ниҳолшинонӣ ҳамаи 45 нафар кормандону мутахассисони корхона иштироки фаъолона доранд.

Нигоҳубини ниҳолҳои шинонидашуда ба зиммаи коргарони корхонаи мазкур вогузор шудааст.

-Мо ниҳолҳоро на барои як ё ду сол шинонидем. Имрӯз дар шафати кӯчаву роҳҳо дарахтонеро мебинем, ки қомат афрохтаанд ва синни онҳо то ба 70-80, ҳатто аз 100 сол ҳам гузаштааст. Ин дарахтонро гузаштагонамон шинондаанд. Моро низ зарур аст барои ояндагон ниҳол сабз кунем ва онҳоро аз нестшавӣ муҳофизат намоем. Нагузорем, ки касе нисбаташон беинсофиро раво бинад, -гуфт дар охири сӯҳбат Ҳоким Саидов.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

● Ба ифтихори 100-солагии матбуоти тоҷик

# Суханвари нуктасанҷ

Ӯ аз ҷумлаи қаламкашоне аст, ки дар борааш навиштан басо мушкил. Агар касе навиштаҳояшро хонад, онҳо басо соддаю пурмаъноанд. Тарзи баёнаш устокорона, фикррониаш файласуфонаву диди амиқаш журналистона, сабку услуби тоҷиконааш аз маҳорати баландаш дарак медиҳад. Барояш фарқ нест, ки хабари кӯтоҳ менависад ё очерку лавҳаи калон. Навиштаҳояш яке аз дигаре хубтар, хонданибоб ва тахайюли бадеиаш баландпарвоз. Аҷаб хушрӯву содда ва пурмаъно менависад Шоҳбаҳор. Дар ҷодаи журналистика маҳорати басо баланду истеъдоди Худодод дорад. На ҳар кас метавонад мисли ӯ қаламкашӣ кунад. Хомааш сеҳри ба худ хос дорад. Аз ин лиҳоз, ӯро беҳтарин рӯзноманигори садаи бистум меҳисобанд. Шогирдони зиёде тарбия кардааст, ки имрӯз дар ҷодаи рӯзноманигорӣ мавқеи хоса доранд. Аввалин чакидаҳои хомаи қаламашонро таҳрир мекард, маслиҳат медод, ба навиштан дилашонро гарм менамуд.

Бо маънон томаш ӯ устод аст, муаллими ғамхори ҷавонон. Даҳҳо шогирдони зиёдеро ба камоли эҷодӣ расондааст. Аммо аз ҳама муҳимаш барои рӯзномаи «Бадахшон» ва журналистикаи тоҷик, ки имсол садсола шуд, хизматаш калон аст. Шоҳбаҳор Шоҳхуморов мактаби худро дорад. Ин мактаб имрӯз ҳам барои навкорон намунаи ибрат аст. Аз ин хотир ӯ мефахрад, ки заҳматаш дар ҷодаи рӯзноманигорӣ баръабас нарафт.

Ин рӯзноманигори фозил дар деҳаи зебоманзари Хосаи Ҷамоати деҳоти Поршиневи ноҳияи Шуғнон ба дунё омадааст. Бобояш Саидбеғам яке аз мардони донишманди на танҳо Поршинев, балки ноҳияи Шуғнон ба ҳисоб мерафт, махзани зиёд дошт. Шаб бо фарзандон ва набераҳояш аз боби илмҳои фалсафа, нуҷум, фиқҳ осори пурғановати Саъдӣ, Ҳофиз, Шамс, Аттор, Саноӣ ва дигар бузургон баҳсу андеша мекарданд. Ин буд, ки дар дили Шоҳбаҳор аз кӯдакӣ шарораи илму маърифат фурӯзон гардид.

...Чун аз дарс фориғ шуд, дафтарчаи шеърҳояшро ба муаллим Ғуломиков Ғуломиддин нишон дод. Фардояш муаллим аз Шоҳбаҳор хоҳиш кард, ки пеши Нишон Ҳамроҳ равад.

-Дар рӯзнома устод Нишон Ҳамроҳ маро хуш қабул кард. Пас аз мулоқоти тӯлонӣ, -мегӯяд Шоҳбаҳор, -шеърҳоямро гирифту аз байнашон барои чоп интихоб мекунам, гӯён таъкид кард, ки алоқаамро бо рӯзнома мустаҳкам кунам, бисёртар нависам. Ҳамин тавр, робитаи эҷодиам бо рӯзнома мустаҳкам гашт. Чакидаҳоям дар саҳифаи рӯзнома чоп шудан гирифтанд.

Соли 1965 устод Нишон Ҳамроҳ маро наздаш хонду пеши сармуҳаррири онвақтаи рӯзномаи «Бадахшони советӣ» Хушназар Ҳақназаров даровард. Пас аз салом устод маро муаррифӣ кард:

-Ман дар симои ин ҷавон журналисти ояндадорро мебинам. Сармуҳаррир гуфт, ки рӯзномаи мо минбаъд дар ҳаҷми калон се маротиба дар як ҳафта мебарояд. Мо ба чунин ҷавонони эҷодкор эҳтиёҷмандем. Дастамро фишурду табрик кард.

Ҳамин тавр, Шоҳбаҳор чун ходими адабии шӯъбаи сохтмони советии рӯзнома, ки мудириашро шахси бомаърифат Шодихон Муборакшоев ба ӯҳда дошт, ба кор оғоз кард. Аввал кор барояш мушкил буд, вале оҳиста-оҳиста бо мадади устодон Нишон Ҳамроҳ, Шодихон Муборакшоев, Хушназар Ҳақназаров он паси сар гардид. Вай дар муддати кӯтоҳ яке аз беҳтарин рӯзноманигорони ҷавон шинохта шуд. Баъди ду сол ӯро ба шӯъбаи маориф ва маданият аввал ба ҳайси ходими адабӣ, сониян мудири шӯъба таъин карданд. Бо ташаббуси ӯ жанрҳои гуногун, аз қабили ҳикоя, лавҳа, очерк, фелетон, ҳаҷвия ва гӯшаи «Хорпуштак дар Помир», гӯшаи назм дар саҳифаи рӯзнома пайдо гашту мазмуну мундариҷаи он куллан тағйир ёфт. Таваҷҷуҳи хонанда ба рӯзнома хеле бештар шуд.

-Вақте ки соли 1975 ба идораи рӯзнома ба кор омадам, маро ба ҳайси тарҷумонӣ ба кор қабул карданд ва устод маро наздаш хонду вазифаам дод, ки тӯли як моҳ дар баробари тарҷумонӣ, рӯзномаҳоро хонам, то чизе аз он дармеёбам, хуб аст ё бад. Навиштаҳои кӣ беҳтару хубтар. Киро устод интихоб мекунам.

Ҳамин тавр ҳам кардам. Навиштаҳои ҳама хуб буд, вале аз ҳама бештар чакидаҳои хомаи Шоҳбаҳор ба ман писанд афтод. Барои ҳамин навиштаҳои ӯро ҷудо кардам, бо таваҷҷуҳ мехондам. Хеле содда ва равон, вале як ҷаҳон маъно дар он ҳувайдо буд. Аз он рӯз чизи ба қаламовардаро барои таҳрир ба ӯ медодам. Ҳар гоҳ, ки навиштаҷотамро таҳрир мекард, маро ҷеғ зада, ҳар нуктаро таҳлил мекард. Ана инаш даркорӣ, инаш зиёдатӣ, инро пурра кардан лозим ва ҳоказо… Барои он ки ин маводат хонданибоб бошад, фикрро пурра кардан лозим. Сухангӯиву суханофаринии устод Шоҳбаҳор ҳамеша маро дар ҳайрат мегузошт, вале ҷуръат надоштам, ки аз ӯ пурсон шавам.

Аввалин очеркамро пас аз сафари хизматӣ бо тавсияи ӯ навиштам. Номи очерк «Чӯпон ба сари кӯҳ…» буд ва онро тӯли як ҳафта навишта овардам. Устод бо телефон занг зад ва маро наздаш хонд. То ба утоқаш даромадан зери арақ ғӯтавар гаштам. Ҳар хел фикрҳо мекардам. Чун вориди утоқаш гаштам, устодро бо чеҳраи болида дидам. Хеле хушҳол гаштам. Ба нишастан таклиф карда, бо чеҳраи лутфомез маро табрик гуфт.

- Ана акнун боварии комил пайдо кардам, ки аз ту як очерканависи хуб мебарояд. Дар навиштаат ягон чизи зиёдатӣ нест. Агар хоҳӣ, ки навиштаат мақбули хонанда бошад, пайваста бихон. Тарзе навис, ки хонанда аз он ғизои маънавӣ гирад. Суханҳоро чунон ба ҳам гулдӯзӣ кун, ки дар дили хонанда ҷойгузин гарданд. Бо ин суханони самимӣ ман аз назди ӯ баромадам. Вале фикр кардам, ки ин имтиҳони аввалин аст. Аз он саргарм набояд шуд.

Бо вуҷуди хоксору хушмуомила будан ӯ хеле сахтгиру серталаб аст. Хислати аҷиб дорад устод, ҳар як мавод, хоҳ кӯчак, хоҳ калон бошад, то се маротиба нахонад, қалам намегузораду таҳрир намекунад. Аввал ба баёну услуби навишт, маъно, сониян ба тарзи ҷобаҷогузории факту рақамҳо ва арзиши мавод диққати ҷиддӣ медиҳад. Вале бузургиаш дар он аст, ки касро ноумед ва дилшикаста намекунад. Кӯшиш мекунад, ки маслиҳаташ боиси ранҷиши шогирд нагардад. Аз ин хотир хурду бузург ӯро ҳурмат менамоянд, кӯшиш мекунанд суханашро ба замин нагузоранд. Ин, албатта, сабаб дорад. Шоҳбаҳор инсони бакамолрасида, рӯзноманигори варзида, марди донишманд, мураббии ғамхор ва ниҳоят роҳбари кордону болаёқат байни хонандагон ва коллективи рӯзномаи «Бадахшон» маҳбубияти хосеро дорост.

Шоҳбаҳор Шоҳхуморов 44 соли ҳаёти хешро сарфи рӯзноманигорӣ кардааст. Аз он 30 соли расоро ба вазифаи муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Бадахшон» бахшидааст. Дар вазифаи муовини сармуҳаррир кор кардан кори осон нест. Тамоми заҳмат, будубоши баровардани рӯзнома он солҳо бар дӯши ду нафар, котиби масъул ва муовини сармуҳаррир буд. Ҷавобгарии кулли маводе, ки дар саҳифа мебаромаданд, ба зиммаи муовин вогузор мешуд.

Ана дар ин муддати тӯлонӣ Шоҳбаҳор ҳамчун роҳбари пуртаҷриба ҳайати эҷодии рӯзномаро ба инъикоси масоили хоҷагии халқи Бадахшон ҳидоят мекард. Чун роҳбари сахтгиру рӯзноманигори варзида ҳамеша кӯшиш мекард, ки рӯзнома баҳри беҳдошти некӯаҳволии халқ, таҳкими ваҳдати миллӣ мавқеи устувор дошта бошад. Таъкид мекард, ки дар рӯзнома маводи ғаразнок ва бар зарари манфиати ҷомеа ба чашм нарасад ва қалами рӯзноманигорон танҳо ба як мақсад - ободии ҷомеаву хурсандии мардум равона бошад. Танқидро дар он сурат қабул мекард, ки агар он ҳақиқати воқеӣ дошта бошаду баҳри беҳбудии кор равона гардад.

Шоҳбаҳор яке аз очеркнависони беҳтарин ба ҳисоб меравад. Очеркҳояш дар рӯзномаҳою маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ чоп гардида, ӯро чун рӯзноманигори беҳтарин муаррифӣ кардаанд. Агар ҳамаи онҳо ба саҳифаи китоб меомаданд, якчанд ҷилд китоб мешуд. Аммо сад афсӯс, ки сарпарасте пайдо намегардад, то чун эҳтиром китоби устодро рӯйи чоп орад. Ба хотири 110 -солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур китобе навишт, ки дар озмун ҷойи аввалро ишғол кард ва бори дигар аз истеъдоди баланди рӯзноманигориаш дарак дод. Хизматаш боз дар он аст, ки дар рӯзномаи «Бадахшон» курси омӯзиши маҳорати касбии рӯзноманигори вилоятро ташкил кард. Ин курс дар баландбардории савияи дониши журналистон ва мухбирони ҷамоатчӣ саҳми беандоза дорад.

Хизматҳои шоистаи ин марди хирадманд дар рушду камоли журналистикаи тоҷик ва тарбияи кадрҳои баландихтисос аз ҷониби давлат борҳо қадрдонӣ шудаанд. Ӯ бо нишони сарисинагии «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Грамотаи фахрии Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст. Соли 1994 ба ӯ унвони фахрии «Журналисти шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дода шуд.

Мо ба устод Шоҳбаҳор Шоҳхуморов дар соли ҷашни 100- солагии матбуоти тоҷик баҳори ҷовидонаи ҳаёт ва беҳтарин орзуҳои эҷодиро таманно мекунем.

*Шоҳтолиб ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»*




## Сатҳи таваррум коҳиш ёфтааст

**ДУШАНБЕ. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон, давоми ду моҳи соли ҷорӣ сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ 0,6 фоизро ташкил додааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки ин нишондиҳанда моҳи январи соли гузашта ба ду фоиз ва моҳи феврали ҳамон сол ба 1,3 фоиз баробар буд. Аз ин бармеояд, ки сатҳи таваррум нисбат ба соли пешин хеле коҳиш ёфтааст.

Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки сатҳи таваррумро соли ҷорӣ дар меъёри 10,5 фоиз нигоҳ дорад.

## Корхона ба фаъолият шурӯъ мекунад

**ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Ширкати хусусии «Самад» дар ҳамкорӣ бо мутахассисон аз Ҷумҳурии Халқии Хитой дар дохили ширкат корхонаи истеҳсоли коғазро бунёд намуда истодаанд, ки дар арафаи анҷомёбист. Сохтмончиён ва масъулони ширкат мақсад доранд, ки корхонаи мазкурро ҳамчун тӯҳфаи ҷашнӣ қабл аз Иди байналмилалии Наврӯз ба истифода диҳанд.

- Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 500 тонна коғазро ташкил менамояд. Дар ин ҷо истеҳсоли беш аз 20 намуди коғаз дар назар дошта шудааст. Ҳангоми ба фаъолият оғоз намудани он 260 нафар коргарон ба кор ҷалб мешаванд,- гуфт зимни сӯҳбат муассиси ширкат, доктори илмҳои техникӣ Самариддин Фазлиддинов.

## Маҳсулоти «Зарнисор» дар бозор

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Исфара сарварии як идда хоҷагиҳои деҳқониро занони кордону ташкилотчӣ ба ӯҳда доранд. Яке аз онҳо раиси хоҷагии деҳқонии «Зарнисор» Марҳамат Ёқубова мебошад. Кишоварзони ин хоҷагӣ порсол аз 21 гектар зардолузор 27 сентнерӣ, аз ҳар гектар майдони кишти помидор 460 сентнерӣ ҳосил гирифтанд. Ҳамчунин аз 3,5 гектар майдони пахта аз ҳар як гектар 33 сентнерӣ ҳосил рӯёниданд.

Сабзаваткорони хоҷагӣ порсол гармхона бунёд намуданд, ки имрӯз маҳсулоти тару тозаи он дастурхони мардуми шаҳрро ғанӣ гардонидааст. Бино ба гуфти роҳбари хоҷагӣ, сабзавоткорон аллакай шинонидани кӯчати помидору бодирингро ба анҷом расониданд.

- Мақсади мо истифодаи пурсамари 46 гектар замини хоҷагӣ мебошад,- мегӯяд М. Ёқубова.

## Тайёрӣ ба ҷашни Наврӯз

**ВАҲДАТ. (М. ЗОКИР, «Садои мардум»)** Шаҳри Ваҳдат бо қомат афрохтани биноҳои гуногуни замонавӣ рӯз то рӯз ҳусни дигар мегирад. Афзоиши қатори ниҳолакони сабз бошад, ба дилҳо умед мебахшад.

Дар ин ҷо мардум ба истиқболи Иди байналмилалии Наврӯз кӯчаву маҳаллаҳои худро тоза намуда, ба шинонидани ниҳолҳо оғоз намуданд. Инчунин Раёсати хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмони шаҳр аз рӯзҳои мусоид истифода бурда, кӯчаву хиёбонҳои шаҳрро тозаву сарсабз гардонида, овехтани шиору овезаҳои идонаро бо чор забон (тоҷикӣ, форсӣ, русӣ ва англисӣ) дар ҷойҳои серодам ташкил намудааст.

## Курси омӯзиширо хатм намуданд

**ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар Маркази омӯзиши дӯзандагии Кумитаи Имдоди Хумайнӣ ба 120 нафар хатмкунандагони курси омӯзиши дӯзандагӣ ва 20 нафар хатмкунандаи бахши бофандагӣ шаҳодатнома доданд.

Марказҳои омӯзишии кумита ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Мастчоҳ, Конибодом ва Ғончӣ фаъолият мекунанд ва дар нақша аст, ки соли равон ин гуна омӯзишгоҳҳо дар шаҳру навоҳии Табошар, Ашт ва Кӯҳистони Мастчоҳ ифтитоҳ мегарданд.

Дар шаҳри Хуҷанд ҳамчунин омӯзиши ҳунарҳои кафшергарӣ, устои барқ, обу ташноб ба роҳ монда мешавад.

## Машварати муфид

**ШАҲРИСТОН. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон машварат оиди омодагӣ ба корҳои саҳройӣ ва кишти баҳории зироат, тайёрӣ ба таҷлили Иди байналмилалии Наврӯз доир гардид.

Бино ба гуфти мудири шӯъбаи кишоварзии ноҳия Анвар Ғозиев, дар ҷамъомад нақшаҳои пешбинишудаи кишти баҳорӣ, омодагии хоҷагиҳо, тайёрии техникаи кишоварзӣ ва шинонидани ниҳолҳои сояафкану аз нав барқарор кардани боғҳои кӯҳна муҳокима шуд.

*Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

● Одамият

# ХОНАИ САРШОР АЗ МЕҲРУ САФО

Дар зиндагӣ гоҳо аз саҳву хато, гоҳи дигар аз қисмату сарнавишт ва маҷрои ҳаёт инсонҳо ба вазъияти гуногуну ноҳинҷор меафтанд. Мутаассифона, дар чунин ҳолатҳо аз ҳама беш кӯдакон ҷабр мебинанд, ҳамон тифлоне, ки ба ҳукми гулҳои нозбӯ буда, мебоист даври ширинии бачагиро бо ҳама лаззатҳояш пушти сар намоянд. Вале омилҳое боис мегарданд, ки писару духтараки дӯстрӯе аз падару модар ятим мемонанд ё саробони оиларо бар асари беморӣ, садамае аз даст медиҳанду зӯри модари бечора ба тарбияти онҳо намерасад. Ҳатто ёфт мешаванд волидайни беандеша, ки аз сустиродагӣ оиларо вайрон намуда, сабабгори бадбахтии фарзандонашон мегарданд. Сангиндилоне, низ ҳастанд, ки аз баҳри кӯдаконашон батамом мегузаранд ва ҳаволаи тақдир менамоянд. Тасаввур кунед, хурдсоле, ки на худро ҳимоя карда метавонаду на аз дасташ коре меояд ва бар замми ин ба ҳайси як мавҷуди ниҳоят нозуку зинда бояд ғизо истеъмол кунад, либос дошта бошад, хобу истироҳат кунад ва барои дар оянда соҳиби касбу коре гардидан ҷое таҳсил намояд, дар чунин ҳолат чӣ ҳам карда метавонад? Ҳеҷ! Бахташ баландӣ кунаду ба ягон инсони асил рӯ ба рӯ ояд, хуб, набошад рӯзҳои сахте ӯро интизоранд.

Тавре ёдрас гардидем, на ҳама падару модарони чунин бачаҳо дар бадбахтии онҳо гунаҳкор мебошанд. Мавридҳои ҷудогона дар иртибот ба омилҳои номатлуб, камбағалию камбизоатӣ орзуҳои волидайнро бар боди фано медиҳанд. Мутаассифона, чунин ҳолатҳо дар таърих такрор меёбанд.

Солҳои 20 – 50 –уми асри гузашта дар мамлакати Шӯроҳо сахттарин рӯзҳо, алалхусус барои бачаҳо, фаро омада буд. Аз як тараф муборизаҳои синфӣ, қаҳтию қиматӣ, аз тарафи дигар ҷанги хонумонсӯзи Гитлер оғознамуда зиёда бачаҳоро аз падару модар, ҳаёти хушбахтона маҳрум гардонида буд. Аз гуруснагию бемориҳо ҳам одамони зиёде талаф меёфтанд. Аз ҷабҳа рӯзе набуд, ки хати сиёҳи касе наояд, лекин ба ҳамаи ин ноҷӯриҳо нигоҳ накарда, Ҳукумати Советӣ бачаҳои дар кӯчаҳо бесаробонмондаро дар мактаб – интернатҳо гирд оварда, ба ғамхорию нигоҳубин ва тарбия фаро гирифт. Ин аз беҳтарин иқдоми инсондӯстона ҳисоб меёфт. Аз ҳамин ҷо, Ҳукумати Шӯро дар байни оммаи васеи халқ бо номи «Давлати сағирапарвар» шӯҳрат ёфта буд.

> **«Ман аз тамоми шахсони ҳимматбаланду саховатпеша, соҳибкорону тоҷирон бори дигар даъват ба амал меорам, ки аз муассисаҳои иҷтимоӣ, ятимону маъюбон, шахсони эҳтиёҷманд ва оилаҳои камбизоат кӯмаки худро дареғ надоранд, зеро тибқи ҳадиси Расули акрам (с) ҳар касе, ки дили ятиму маъюб ва дастнигару мӯҳтоҷеро шод мегардонад, ба подоши он савоби биҳиштро соҳиб мегардад.»**
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**

Аз ҷумлаи ҳамон мактаб – интернатҳои замони шӯравӣ аксарияташ ҳоло ҳам фаъолият дорад. Ин даргоҳҳои умед садҳо, ҳазорон тифлаконро аз марг наҷот бахшида, ба оғӯши худ гирифтанд, тарбия кардаву хононданд ва соҳибмаълумоту соҳибҳунар сохтанд. Ба ҳаёти мустақилона гусел намуданд. Кулли дастпарварони интернатҳо, ки асосан фарзандони ҳукумат маҳсуб меёбанд, дар корзорҳои ҷангу меҳнат хизмати халқу Ватанро содиқона ба ҷо оварданд. Онҳо ҳаёти худ, рисолати худро бо халқу диёри худ тавъам дониста, анъанаи нек зистанро ба фарзандону наберагони худ мерос гузоштанд. Дар баробари дигарон, ворисонашон имрӯзҳо дар хоҷагии халқи мамлакат суботкорона машғули кору фаъолиятанд.

Айнан, шабеҳи ҳамон солҳои душвор, кишвари мо солҳои навадуми асри гузашта бо касофатии иддае аз мансабу қудратхоҳон ба гирдоби бало афтод ва боз ҳамон қурбониву бесаробон мондани оилаҳо, дар кӯчаҳо бесоҳибу ҳайрон гаштани кӯдакон, камбағалӣ, қаҳтию қиматӣ такрор шуд. Хушбахтона, Давлату Ҳукумати навтаъсис ва тозаистиқлоли Тоҷикистон, бо ҳама мушкилоти дошта то имрӯз бачаҳои ятим ва фарзандони оилаҳои камбизоатро ба оғӯши гарми мактаб – парваришгоҳҳо гирифта, мавриди ғамхорию нигоҳубин ва таҳсил қарор додааст. Иқдоми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бобати аз ҳисоби хатмкардаҳои чунин даргоҳҳои мӯътабар фиристонидани донишҷӯён ба Академияи гумруки Ҷумҳурии Қазоқистон бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи мазкур дар Тоҷикистон бори дигар аз эътимоди қавии роҳбарияти Давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ ба дастпарварони худ мебошад. Аз таҷрибаи шӯравӣ маълум гардид, ки ба истилоҳ «фарзандони ҳукумат» дар ҳама кору пайкор ба Ватан содиқ мемонанд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбати тақдири бачаҳои мӯҳтоҷи таълиму тарбия тадбирҳо меандешад ва шароити мактаб – парваришгоҳҳоро сол то сол беҳтару хубтар намуда, дар ҳамдастӣ бо соҳибкорон, ташкилоту идораҳои давлатӣ пайваста аз ҳолу аҳволи онҳо бохабар мешавад. Иловатан, дар рӯзҳои ҷашну идҳо онҳоро бо маводи ғизоӣ, сару либоси идона, ашёи таълимӣ таъмин менамояд. Ба баргузории тӯйҳои суннатии писарбачаҳо ва ҷашнҳои арӯсию домодии ҷавонон мусоидат менамояд. Таҳсили бачаҳои лаёқатмандро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ҳунаристонҳо бар ӯҳда мегирад.

Яке аз чунин мактаб – интернатҳои собиқадор дар Ҷамоати деҳоти Фархори ноҳияи Фархор амал менамояд. Дар муддати фаъолияти ниҳоят тӯлонӣ ин даргоҳ писару духтарони чанд наслро ба қавле паррончак намуд, ки ошёни умеди худро ҳамеша дар хотир нигоҳ медоранд, аз Давлату Ҳукумат сипосгузоранд.

Айни ҳол дар муассисаи номбурда 112 тарбиятгиранда ба сар мебарад ва аз ин ҳисоб 20 нафарашон духтарон мебошанд. Онҳо ба се гурӯҳ тақсим гардида, аз синфҳои 1 то 11 таҳсил менамоянд. Се мураббӣ ва 17 корманди хоҷагӣ дар ин ҷо кор мекунанд. Беҳбудӣ бахшидан ба шароити зист ва таҳсили тарбиятгирандагон ҳамеша дар маркази диққати роҳбарияти ноҳия қарор дорад, зеро аз ҳама навраcон дида, ин гурӯҳ ба ғамхорию таваҷҷуҳи бештаре ниёз дорад. Мактаб дорои 17 компютеру ду принтер аст. Ҷавобан ба ин ғамхориҳо дастпарварони мактаби номбурда кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сазовори боварию ғамхориҳо зиндагию таҳсил намоянд. Онҳо пайваста аз пайи омӯзиши илму ҳунар буда, дар корҳои ҷамъиятии мактабу ноҳия фаъолона ширкат меварзанд. Чун дигар ҳамсолони худ, дар озмуну маҳфилҳо, мусобиқаҳои варзишии ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ аз худ дарак медиҳанд. Роҳбарияти мактаб – парваришгоҳ бо мақсади дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардани тарбиятгирандагон ва аз ҳисоби маҳсулоти худӣ бойтар гардонидани таркиби хӯроки бачаҳо хоҷагии ёрирасони худро бо масоҳати ду гектар замин дорад, ки дар он гандум ва намуди гуногуни полезӣ парвариш мешавад. Онҳо ҳамчунин соҳаи мурғу харгӯшпарвариро ба роҳ мондаанд.

Қобили таҳсин аст, ки баробар бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ташкилоту идораҳои вобасташуда, соҳибкорон ва шахсони ҳимматбаланди алоҳида ба чунин даргоҳҳо кӯмаки моддӣ мерасонанд. Хуб мешуд, ки дар баробари чунин кӯмакҳо, дар ташкили хоҷагиҳои ёрирасон низ барояшон мусоидат мекарданд. Он гоҳ тарбияи бачаҳо дар рӯҳияи ташаббускорию меҳнатдӯстӣ таъмин мегардид.

Аз сӯҳбат бо сарвари мактаби номбурда Зикамоҳ Назирмадова маълум гардид, ки роҳбарии мактаб ба ӯ дар як давраи мураккабу муташанниҷ рост омад. З.Назирмадова, ки худ дар оилаи омӯзгор ба камол расидааст, хатмкардаи факултети педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошад. Шӯъбаи маорифи ноҳия соли 1999 ӯро маҳз ба хотири беҳбудӣ бахшидан ба кор ба ин ҷо роҳбар таъин кард. Аз ҳамон сол инҷониб мавсуф муваффақона корро пеш мебарад. Ҳини сӯҳбат чун сухан аз камбудию норасоиҳо рафт, мудир бо табассуми малеҳ ва муқоиса аз вазъияти даҳ- понздаҳ сол пешинаи мактаб изҳори хушнудӣ намуд. Абдуҷаббор Каримов, Ҷамила Раҳимова, Холбобо Исмоилҷонов, Умед Одинаев, Маърифат Насруллоева, Хосият Ҳалимова барин мураббияҳову коркунони хоҷагии кордони мактаб, соҳибкорони ҳимматбаланд Ҳақназар Раҷабов, Дилшод Давлатов, Сафаралӣ Муродалиев, ташкилоти байналмилалии «Acted» бо кору заҳмати дилсофона ва кӯмаки ҳамешагиашон қуввати дили роҳбари мактабанд. Хонаи меҳру сафои бачаҳо бо шарофати ҳамин гуна талошу ғамхориҳо, меҳру муҳаббатҳо ҳамеша обод ва гарм аст.

*Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»*

● Сатрҳои самимӣ

# Устоди сайёди маърифат

Фасли зимистон, сармои хушку қаҳратуни Қубодиён ҳукмрон буд. Вай субҳи барвақт омада, дар соҳили рости дарёи Кофарниҳон каме таваққуф карда, ба дуриҳо, сӯйи деҳаи Чирик, ки дар соҳили чапи дарёст, назар андохт. Баъд болои бутта нишаста, мӯзаашро кашид. Харита, китобу дафтарҳоро дар рӯймол баста, сару либос, мӯзаву болопӯшро ба хӯрҷин андохта, бӯғчаро тори сар карда, аз паҳнои дарё, ки обаш зимистон тунуктар буд, ба соҳили чап гузашт. Либосҳояшро пӯшида, ба сӯйи мактаб-интернат шитофт. Дар мактаб-интернат бачаҳо ӯро интизор буданд…

Ин як лаҳзаест аз ҳаёти муаллими таъриху ҷуғрофия Абдуқодир Раҳмонов дар солҳои сиюми асри гузашта. Воқеан, кист ин абармард, фидоии роҳи маориф, ки дар ин аҳвол ҷонсӯзона рафтор менамояд?

Абдуқодир Раҳмонов соли 1908 дар Конибодом таваллуд шуда, дар 12-солагӣ аз волидайн маҳрум гардида, зиндагии сахти ятимиро чашидааст. Бо ин ҳама мушкилот ӯ курси дусолаи муаллимиро дар Хуҷанд хатм намуда, ба сафи фидоиёни маҳви бесаводӣ даромад. Бо ҳукми тақдир ба минтақаи дурдасттарини Тоҷикистон—Шаҳритус, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад аст, дар водии басо таърихӣ, ки сароғози Каёниён аст, ба фаъолияти омӯзгорӣ камар баст. Дар ҳазораи охир аз дасти турку муғул дар ин диёр ҳама вайрона шудаву аз мероси бузургон кам нишона боқӣ монда буд. Вале Қалъаи Мир, Тахти Қубоду Тахти Сангин, Хоҷа Машҳад ва чандин қалъаву теппаҳои дигар вуҷуд доштанд. Амударё бо шохобаҳояш ва Чилучорчашма ба ин диёр ҳусн меафзуданд.

Абдуқодир Раҳмонов деҳаи Сайёдро манзили зист интихоб кард. Он замон мардум асосан чорводор буданд, вале бо зироаткорӣ низ машғул мешуданд, дар соҳилу наздикиҳои дарё замин кушода, деҳқонӣ мекарданд. Хаскаппаю хонаҳои кӯҳна ҷойи зисти мардум буд. Бинои мактаб вуҷуд надошт, хонандаҳо аввал дар чойхонаҳои колхоз, устохонаҳои оҳангарии Ҳазраткулов Ашӯркул, гоҳ дар чордеворҳои фарсудаи эшонҳои маҳаллии Миёнтӯраву Қарохоҷа, дар майдонҳои кушод, зери сояи дарахтон дарс мехонданд. Худи муаллим А.Раҳмонов дар ҳавлиҳои мардум мисли иҷоранишин зиндагонӣ менамуд.

Соли 1937 бо ташаббуси А.Раҳмонов пойдевори нахустин бинои мактаб гузошта шуд. Баъд бо дастгириву ёрии аҳолии деҳаи Сайёд ин таълимгоҳ қомат рост карда, дар ба рӯйи хонандагон боз намуд. Устод А.Раҳмонов бо қувваи наву завқи саршор ба таълиму тарбияи шогирдон пардохт. Дертар ба деҳаи Лолазор кӯчида, он ҷо низ мактаб кушод. Ба хонандагон дар музофоти Айвоҷ, Бешкент, маркази ноҳияи Шаҳритус, Чирик ва ғайра дарс гуфтааст. Солҳои зиёд нозири маориф буд, роҳбарии бисёр мактабҳоро дар ӯҳда дошт.

Абдуқодир Раҳмонов аз соли 1932 то соли 1963 ҳамчун муаллими таъриху ҷуғрофия фаъолият намуд. Тӯли ин солҳо ба муҳити душвори водии Қубодиён нигоҳ накарда, ҳар куҷо, ки ба кор мефиристоданд, не нагуфта, қабул мекард. Сабақи ӯ табақи пурнақшу нигореро мемонд, ки бо як дидан ба хотирҳо нақш мебаст. Яке аз шогирдони ӯ шарқшинос Алиқул Девонақулов чунин гуфта будааст: «Закои табъи устод Абдуқодир Раҳмонов баланд буд, ки бо як хондан матн ба куллӣ дар хотир мемонд». Собиқ директори Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияи Шаҳритус Ёқуб Ҷӯраев низ дар ҷашни 60-солагии ноҳияи Шаҳритус гуфтааст: «Номи Абдуқодир Раҳмоновро ҳамчун устод ба забон мегирем. То алҳол мисли ӯ кам муаллим дидаам, ки бо санъати дарс шогирдонро мафтун карда бошад». Чунин санъату ҳунари омӯзгорӣ буд, ки шогирдон мисли ӯ соҳибмаърифату соҳибихтисос шуда, дар ҷомеа баъд аз ӯ роҳи пурпечу фарозашро давом медиҳанд. Шарқшиноси маъруф Алиқул Девонақулов, профессор, собиқ ректори Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе Эргаш Ямоқов, профессори физикаи ҳастаӣ Файз Нормуродов, профессор , барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино Бӯрӣ Нурхонов, мудири кафедраи Донишкадаи санъати Тоҷикистон Чориёр Иброҳимов, садҳо, ҳазорҳо дигарон ба шарофати дарси ӯ соҳибунвону соҳибэҳтиром гардидаанд. Фарзандонашро низ оқилу фозил тарбия карда, ба воя расонидааст: писари калонӣ Қаҳрамон муаллими таъриху ҷуғрофия буд, Шоҳзамон -доктори илмҳои филология, профессор, Абдурасул -дотсент, устоди илмҳои физикаю астрономия, Абдуғанӣ -риёзишинос, (дар мактаби падар сарвар буд, ҳоло нозири маорифи ноҳия), Ҳабибаҷон -муаллимаи фанни таърих, Аълочии маорифи халқ аст. Набераю абераҳо чун Ҷамолиддину Фаридун ва дигарон дар роҳи бобо қадам зада, ҳамзамон аз боғи маърифати ӯ сарсабзиҳо доранд.

Як рӯзи аввали баҳор устод Абдуқодир Раҳмонов баъди дарс аз Чирик бо ҳамон анъанаи пешин боз аз дарё гузашта, ба хона омадан мехост, ки обро дар дарё зиёд дид, ба атроф нигоҳ кард, касе набуд, лучи модарзод шуда, сару либос ва ҷузвдони китобҳоро бо ҳам баста, бо чӯб болои сар бардошта, аз дарё мегузашт, ки дар миёни дарё об ӯро аз по афтонда, тамоми бойигариро бо худ бурд. Бо хости Худо банохост ба шохаи дарахте банд шуда, аз ғарқ шудан эмин монд. Торикӣ фаро мерасид, то нисфи шаб, то он замон ки пойи мардум аз раҳу рӯй канда мешавад, дар соҳили дарё, андаруни буттаю қамишзор пинҳон нишаста, ларзидаю хунук хӯрда, нисфи шаб ба хона баргашт. Ҳамсараш ӯро дар ин аҳвол дида, дигар роҳи мактаб-интернати Чирикро бастан хоста, шӯру мағал бардошт, лекин кора накард. Аз касби дӯстдоштааш даст накашид.

Абдуқодир Раҳмонов соли 1979 ба сактаи дил гирифтор шуда, аз олам гузашт, вале номи неку кори некаш ба ёдгор монд.

Ҳоло дар ноҳияи Шаҳритус ният доранд, ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 11-ро, ки дар деҳаи Лолазор воқеъ аст, ба номи устод Абдуқодир Раҳмонов гузоранд, ки худ бунёд карда, аввалин мудири он интихоб шуда буд.

*Муҳаммадраҳим МУҲАММАДАМИНИ ҚУБОДИЁНӢ*




# Сабзавоти барвақтӣ ба Наврӯз

Дар ноҳияи Рӯдакӣ ташкили гармхонаҳоро ба 18 гектар расонидаанд. Шароити мавҷуда ба аҳли заҳмат имкон медиҳад, ки бозори шаҳри Душанберо ҳамаи фаслҳои сол бо сабзавоти тару тоза таъмин намоянд. Ташкили гармхонаҳо дар ноҳия як василаи муҳайё кардани ҷойҳои нави корист, ки дар муддати як сол 300 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштанд.

Аҳли заҳмати хоҷагиҳои деҳқонии Ҷамоати деҳоти Чимтеппа дар парвариши сабзавоти барвақтӣ дар шароити гармхонаҳо муваффақияти назаррас доранд. Хоҷагии деҳқонии «Саъдулло» (сарвараш Ҳалим Солиев) дорои 0,5 гектар замин мебошад ва дар он помидору бодиринги барвақтӣ зери плёнка кишт менамоянд. Сарвари хоҷагӣ аз нашъунамои ҳар ниҳоли помидор бохабар аст ва маҳз эҳсоси масъулият боис гардидааст, ки аз ҳарсола дида, ҳосили сабзавоти барвақтӣ ду- се маротиба зиёд парвариш ёбад.

Аз хусуси парвариши сабзавот сардори хоҷагӣ Ҳалим Солиев чунин иброз дошт: - Се сол пеш гармхона ташкил кардем. Соли аввал дар 0,2 гектар сабзавот кишт карда, ҳосили хуб ба даст овардем. Соли дуюм масоҳати гармхонаро ба 0,5 гектар расонидем. Ниҳолҳои пур аз борро дида, гуфта метавонам, ки имсол 30-35 тонна ҳосили помидор ба даст меорем.

Дар гармхонаи хоҷагии деҳқонии «Саъдулло» тавассути бухориҳо, ки дар онҳо ангиштсанг истифода мешавад, ҳароратро мӯътадил нигоҳ медоранд. Дар гармхонаҳои хоҷагӣ обдиҳӣ ва ғизодиҳии ниҳоли помидор тариқи найчавӣ ба роҳ монда шуда, амалӣ кардани ин тадбир барои сарфакоронаю мақсаднок истифода кардани об ва дигар маводи ғизоӣ мусоид мебошад. Айни ҳол ҳосил пухта расидааст ва дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз пешкаши аҳолӣ мегардад.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

## Ширкати ҳавопаймоийи «Тоҷик Эйр»

**мутахассисони корозмудаи соҳаи иқтисод, ҳуқуқшиносӣ ва молияро ба кор даъват менамояд**




**ТАЛАБОТ:**

- ✓ **маълумоти олӣ;**
- ✓ **таҷрибаи корӣ аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 сол;**
- ✓ **истифодаи мустақилонаи компютер (MS, Office, IC);**
- ✓ **донистани забонҳои хориҷӣ (афзалият ба забони англисӣ дода мешавад);**
- ✓ **масъулиятшиносӣ, махфият, қобилияти хуби муошират.**

**ШАРОИТИ КОР:**

- ✓ **музди меҳнати арзанда;**
- ✓ **хизматрасонии иҷтимоии иловагӣ аз ширкати ҳавопаймоӣ (хизматрасонии ройгони тиббӣ дар маркази тиббии саломатӣ ва пешниҳоди чиптаҳои ҳавопаймоии имтиёзнок).**

**Довталабон мактуби ҳавасмандӣ ва шарҳи ҳоли мухтасарро метавонанд ба нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Титов 32/1 ва ё почтаи электронии a.mavlonov@tajikairlines.com ирсол намоянд.**

**☎ ТЕЛЕФОНҲО БАРОИ ТАМОС: 48-701-50-45, 48-701-50-34.**

## Тасҳеҳ

Дар эълони КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Озмуни №6 оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ, ки баргузориаш ба 19 марти соли 2012 таъин шудааст, дар банди 13-ум объекти иҷора бар ивази ҶСК «Заводи спиртбарорӣ»-и шаҳри Исфара, ҶСК «Шараф» бо нишонии шаҳри Исфара, кӯчаи Бинокор хонда шавад.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 647/1-293 | Клиникаи Институти илмӣ-тадқиқотии гастроэнтерологияи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 10 | 27.03.2012 соати $9^{15}$ |
| 648/1-294 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Чопи шаклу варақаҳо | номгӯй | 6 | 27.03.2012 соати $9^{45}$ |
| 649/1-295 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 310000 | 2.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 650/1-296 | Муассисаи давлатии маркази таъминоти варзишӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Либос | номгӯй | 5 | 27.03.2012 соати $10^{00}$ |
| 651/1-297 | Хадамоти назорати давлатии санитарӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Таҷҳизоти тиббӣ ва техникӣ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 2.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 652/1-298 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Сару либоси ҳарбӣ | номгӯй | 19 | 27.03.2012 соати $10^{20}$ |
| 653/2-227 | Маркази саломатии шаҳрии №7, ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи доруворӣ | номгӯй | 40 | 27.03.2012 соати $10^{45}$ |
| 654/2-228 | Осоишгоҳи бачагонаи касалиҳои сили «Қаратоғ» | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 25 | 27.03.2012 саоти $11^{00}$ |
| 655/2-229 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии ш.Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизоти ултрасадои маркааш WED-9608 | адад | 1 | 27.03.2012 соати $11^{25}$ |
| 656/2-230 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №38, н.Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Маҷмӯи компютер<br>Ноутбук | адад<br>адад | 9<br>1 | 27.03.2012 соати $11^{55}$ |
| 657/3-104 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои н.Синои ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Тайёр намудани минбар барои наврӯзгоҳ | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 27.03.2012 соати $13^{00}$ |
| 658/3-105 | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Чопи нашрияи «Омӯзгори ҷавон» | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 2.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 659/3-106 | Муассисаи давлатии боғи фарҳангӣ ва фароғатии ба номи С.Айнии ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои ҳоҷатхона ва саҳнаи Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ ва фароғатии ба номи С.Айнӣ» | маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 27.03.2012 соати $13^{30}$ |
| 660/3-107 | Маркази саломатии шаҳрии №12, ш.Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино ва бо панҷара маҳкам кардани атрофи Марказ | тибқи санади нуқсонӣ | | 2.04.2012 соати $9^{45}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Музоядаи № 8-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан истифодашуда 2 апрели соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Тамға | Соли барориш | Рақами давлатӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ-21074 | 2000 | 12-12А01РТ | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 5884 |
| 2 | Ланд Ровер Дефендер | 1995 | 32-37Е 01РТ | | 3194 |
| 3 | ГАЗ-52-04 | 1983 | 22-29А01 РТ | | 6000 |
| 4 | Экскаватори ЭО-2621 | 1989 | 38-08 ТТ | КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 6095 |
| 5 | Булдозери Т-170 | 1991 | 94-30 ША | | 7000 |
| 6 | Булдозери ЧТЗ-Т-170 | 1991 | 50-49 ТЩ | | 7000 |
| 7 | УАЗ-469 | 1976 | 66-70А 01 РТ | Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растанӣ | 1323 |
| 8 | ВАЗ-2107 | 1999 | 50-08 В 01 РТ | Нозироти андози шаҳри Ваҳдат | 2625 |
| 9 | ГАЗ-66-11 | 1990 | 27-40 В 01 РТ | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 10 | КамАЗ-5511 | 1986 | 65-10 А 02 РТ | Корхонаи фаръии дастаи сайёри механиконидашудаи «Сантехмонтаж» | 12000 |
| 11 | ВАЗ-21-061 | 1997 | 06-38 А 02 РТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 12 | ГАЗ-31029 | 1993 | 06-73 А 01 РТ | Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1435 |
| 13 | ГАЗ -3102 | 2000 | 58-08 В РТ 01 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14834 |
| 14 | ПАЗ-32050 R | 1998 | 41-26 А РТ 01 | | 13601 |
| 15 | ГАЗ -53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | Раёсати қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1893 |
| 16 | Форд-250 | 1994 | 45-67 ДББ | Муассисаи нақлиётии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2040 |
| 17 | Автобус КАВЗ-685 | 1986 | 21-99 А 01 РТ | КВД «Аэрогеодезии Душанбе», Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2000 |
| 18 | Автобус ПАЗ-672 | 1983 | 21-98 А 01 РТ | | 2000 |
| 19 | УАЗ-31512 | 1988 | 21-90 А 01 РТ | | 1000 |
| 20 | ЮМЗ-6 «А» | 1972 | 09-17 ДЖ | Силсиланерӯгоҳҳои барқи обии Вахш, ШСХК «Барқи Тоҷик» | 1482 |
| 21 | ГАЗ-13 | 1970 | 06-82 А 01 РТ | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | 38346 |
| 22 | ЗИЛ-431512 АЛ-ЗАМ (АПК-10) | 1986 | 10-22 В 02 РТ | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | 42900 |
| 23 | Воситаҳои асосии қаблан дар истифодабудаи ҶСК «Телерадиоком» | 1982, 1992 | 4201, 3195, 3193, 2709, 2710, 2711, 2712, 2713, 2714 | ҶСК «Телерадиоком» | 2633 |
| 24 | Воситаҳои асосии қаблан дар истифодабудаи ҶСК «Телерадиоком» | 2002, 2003, 2004, 2005 | 00718, 00716, 00606, 00389, 00423, 00422, 00424, 00398, 00729, 00730 | ҶСК «Телерадиоком» | 5679 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-73-74, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, телефон: 92-796-40-16, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 35, телефон: 2-41-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супурда мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори 5 фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74; шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, телефон: 92-796-40-16; шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 35, телефон: 2-41-14.**

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 2 апреля 2012 года проводит аукцион № 8 по продаже транспортных средств, ранее бывших в употреблении

| п/н | Марка | Год выпуска | Гос.номер | Принадлежность | Стартовая цена (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ВАЗ-21074 | 2000 | 12-12 А 01РТ | ГУП «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 5884 |
| 2 | Ланд Ровер Дефендер | 1995 | 32-37 Е 01 РТ | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 3194 |
| 3 | ГАЗ-52-04 | 1983 | 22-29 А 01 РТ | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 6000 |
| 4 | Экскаватор ЭО-2621 | 1989 | 38-08 ТТ | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 6095 |
| 5 | Бульдозер Т-170 | 1991 | 94-30 ША | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 7000 |
| 6 | Бульдозер ЧТЗ-Т-170 | 1991 | 50-49 ТЩ | ГУП «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | 7000 |
| 7 | УАЗ-469 | 1976 | 66-70 А 01 РТ | Служба государственной инспекции по фитосанитарии и карантину растений | 1323 |
| 8 | ВАЗ-2107 | 1999 | 50-08 В 01 РТ | Налоговая инспекция города Вахдат | 2625 |
| 9 | ГАЗ-66-11 | 1990 | 27-40 В 01 РТ | Государственный комитет по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан | 2000 |
| 10 | КамАЗ- 5511 | 1986 | 65-10 А 02 РТ | УП передвижной механизированной колонны «Сантехмонтаж» | 12000 |
| 11 | ВАЗ-21061 | 1997 | 06-38 А 02 РТ | Министерство финансов Республики Таджикистан | 2000 |
| 12 | ГАЗ-31029 | 1993 | 06-73 А 01 РТ | Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан | 1435 |
| 13 | ГАЗ-3102 | 2000 | 58-08 В РТ 01 | Министерство экономики и торговли Республики Таджикистан | 14834 |
| 14 | ПАЗ-32050 R | 1998 | 41-26 А РТ 01 | | 13601 |
| 15 | ГАЗ-53 | 1980 | 027 ВВ 02 РТ | Управления внутренних войск МВД Республики Таджикистан | 1893 |
| 16 | Форд-250 | 1994 | 45-67 ДББ | Автохозяйство МВД Республики Таджикистан | 2040 |
| 17 | Автобус КАВЗ -685 | 1986 | 21-99 А 01 РТ | ГУП «Аэрогеодезии Душанбе», Государственный комитет по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан | 2000 |
| 18 | Автобус ПАЗ-672 | 1983 | 21-98 А 01 РТ | ГУП «Аэрогеодезии Душанбе», Государственный комитет по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан | 2000 |
| 19 | УАЗ-31512 | 1988 | 21-90 А 01 РТ | ГУП «Аэрогеодезии Душанбе», Государственный комитет по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан | 1000 |
| 20 | ЮМЗ-6 «А» | 1972 | 09-17 ДЖ | ГЭС каскада Вахш, ОАХК «Барқи Тоҷик» | 1482 |
| 21 | ГАЗ-13 | 1970 | 06-82 А 01 РТ | ОАО «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | 38346 |
| 22 | ЗИЛ-431512 АЛ-ЗАМ (АПК-10) | 1986 | 10-22 В 02 РТ | ОАО «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | 42900 |
| 23 | Основные средства ранее используемые ОАО «Телерадиоком» | 1982, 1992 | 4201,3195, 3193, 2709, 2710, 2711, 2712, 2713, 2714 | ОАО «Телерадиоком» | 2633 |
| 24 | Основные средства ранее используемые ОАО «Телерадиоком | 2002, 2003, 2004, 2005 | 00718, 00716, 00606, 00389, 00423, 00422, 00424, 00398, | ОАО «Телерадиоком | 5679 |

Прием заявок на участие в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44. Место проведения: город Душанбе, пр. Рудаки 44, телефоны: **221-73-74, 221-49-87, город Худжанд, улица Ленина 47, телефон: 92-796-40-16, город Куляб, улица И. Сомони 35, телефон: 2-41-14.** Метод проведения: **английский.** Время проведения: **$10^{00}$ часов.** Гарантийный взнос для участия в аукционе равен 15 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Дополнительную информацию можно получить по адресу: **город Душанбе, пр.Рудаки 44, телефоны: 221-49-87, 221-73-74; город Худжанд, улица Ленина 47, телефон: 92-796-40-16; город Куляб, улица И. Сомони 35, телефон: 2-41-14.**

## Эътибор надорад

**➘ Дипломҳои силсилаи ДКА №0000770, ДТК №0031011-и бе номнавис гумшуда, ки онро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе ҷудо кардааст, эътибор надоранд.**

**➘ Шартномаи хариду фурӯши тахти фехрасти №8Д-717-и гумшуда, ки онро Идораи сеюми нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба расмият дароварда, бо суроғаи кӯчаи Маяковский, бинои 54, ҳуҷраи 9, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 майи соли 1993 ба Ибрагимов Ёқуб Холмуродович додааст, эътибор надорад.**

**➘ Шаҳодатномаи нафақаи №03479-и гумшуда, ки онро 26 декабри соли 2007 Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шеров Абдувалӣ додааст, эътибор надорад.**

**➘ Бинобар ёфт шудани Шаҳодатномаи хизматии №162, ки онро Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 августи соли 2011 ба Абдулфайзов Ҷамшед Умархонович додааст, эълон оиди гум шудани шаҳодатномаи мазкур дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 10 марти соли 2012 таҳти №29 эътибор надорад.**

**➘ Патенти №0098264 бо РЯМ 0730029988-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 22 июни соли 2010 ба Маҳмудов Олим Тӯхтамуродович додааст, эътибор надорад.**

## Барҳам мехӯрад

**➘ ҶДММ «Ориён Тоҷик», бо РЯМ 0110004730, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 24, барҳам мехӯрад.**

**Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.**

**➘ ҶДММ «ГСМ – сервис», бо РМА 020019508, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Арбобхотун, барҳам мехӯрад.**

**Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.**

**➘ ҶДММ «Ҷасур», бо РМА 020011414, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Коргарон 19, барҳам мехӯрад.**

**Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.**

**➘ Шаҳрванд Шералиев Маҳмудҷон Нормуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0210242 бо РЯМ 09300058076 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 январи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.**

**Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.**

**➘ Шаҳрванд Набиев Сухроб Қодирович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0107857 бо РЯМ 0430049694, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 1 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.**

**Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.**

Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корманди масъули дастгоҳ Аҳлиддин Салоҳов нисбати фавти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 14 марти соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора Абдулмаҷид Муродов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова